**Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-024-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич дар мавзуи «Таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннахр дар асрҳои VIII-X» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. – Душанбе, 2024. – 50 с.**

Дар замони соҳибистиқлолии давлатӣ дар Тоҷикистон ба доираҳои васеи олимон имкониятҳои сифатан ҷадид фароҳам омад то ба таъриху тамаддуни хеш бо нигоҳи тоза нигариста, таҳқиқотро дар ҳама самтҳо воқеъбинона ба анҷом расониданд. Ҳамчунин маҳз дар замони Истиқлолият таърихнигории миллӣ рушд намуда, мавзуъҳои мубрам ҳаллу фасли худро ёфта истодаанд. Таърихнигории ватанӣ, муҳимтар аз ҳама манфиатҳои миллиро ҳимоя карда, дар сатҳи илмӣ кишвару давлати моро муаррифӣ менамояд.

Дар воқеъ, таҳқиқи мавзуи «**Таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X**» қимати баланди илмӣ-назариявӣ дошта, ба довталаби дараҷаи илмӣ Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич муяссар гаштааст, ки ин масъалаи мубрами таърихиро дар доираи баланди илмӣ, бори аввал дар таърихнигории ватанӣ бо мадракоту маъохизи муътамаду муътабар мавриди пажӯҳиш қарор дода, аз уҳдаи он сарбаландона бароянд.

Дар пажӯҳиши хеш муаллиф тибқи нақша, раванди ҳуҷуму ишғолгариҳои арабро ба сарзамини аҷдодии мо – Хуросону Мовароуннаҳр, муборизаҳои озодихоҳонаю истиқлолхоҳонаи мардуми ин

сарзамин ва дигар паҳлуҳои муҳимми он давраро ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ карда, таҳқиқоти муфидро ба анҷом расонидааст.

Диссертатсия аз муқаддима чор боб, даҳ зербоб, хулоса ва феҳристи сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар автореферати диссертатсия мақсаду вазифаҳо, методҳои таҳқиқ, объекту предмети омӯзиш, сатҳи омӯзиши мавзуи таҳқиқшаванда, давраҳои таърихии омӯзиш, аҳаммияти назариявӣ ва амалии пажӯҳиш, муқаррароте, ки барои дифоъ пешниҳод мегарданд, мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Инчунин муҳтавои асосии кори таҳқиқотӣ дар доираи хронологияи рисола ба таври комили илмӣ бо такя ба маъхазҳо вобаста ба мавзуъ баён шуда, моҳияти мавзуи таҳқиқшаванда куллан ифода гаштааст.

Боби якуми диссертатсия – **“Сарчашмаҳо ва таърихнигории мавзуи таҳқиқшаванда”** ном дошта, он аз ду зербоб иборат аст. Зербоби аввали он **“Сарчашмашиносии масъалаи таҳқиқшаванда”** ва зербоби дуюм **“Таърихнигории масъалаи таҳқиқшаванда”** унвонгузорӣ шуда, дар ин боб манобеи бешумор ва асарҳои гаронарзиши олимону донишмандони ватанию хориҷӣ, аз кишварҳои Осиёи Миёнаву Афғонистон, Эрон, кишварҳои Араб, Русия ва Аврупову Амрико, ки ҳама фарогири мавзуи таҳқиқотии довталаби дараҷаи илмӣ мебошанд, мавриди баррасӣ ва хулосагирии амиқ қарор гирифта, таърихнигории масъаларо дар сатҳи зарурӣ арзёбӣ намудааст.

Боби дуюми диссертатсия – **“Инъикоси вазъи умумии Хуросону Мовароуннаҳр дар арафи забткориҳои араб дар манобеи таърихӣ ва бозтоби он дар осори илмӣ”** номгузорӣ шуда, зербобҳои он масъалаҳои **“Ҳудудҳои ҷуғрофӣ ва вазъияти сиёсии Хуросону Мовароуннаҳр”, “Вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии Хуросону Мовароуннаҳр дар арафаи ҳамлаи арабҳо”, “Вазъи эътиқодии мардумони бумии минтақа қабл аз ворид шудани арабҳо”**-ро дарбар мегирад.

Муаллиф дар зербобҳои ишорашуда масъалаҳои мавқеи чуғрофии Хуросону Мовароуннаҳр, вазъи сиёсию ичтимоӣ, иқтисодию эътиқодии аҳолии Хуросону Мовароуннаҳрро нишон дода, заъфи ҳама паҳлуҳои сиёсию ичтимоӣ, иқтисодию эътиқодиро сабабҳои асосии шикасти шоҳаншоҳии Сосониён ва ҳокимони маҳаллии парокандаи ин минтақа дар раванди забткориҳои араб дониста, онро ҳаматарафа таҳқиқ карда, ба хулосаҳои дурусти илмӣ омадааст.

Боби сеюми диссертатсия **“Сарчашмашиносӣ ва таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои озодихоҳонаи мардумӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр”** ном дошта, дар зербоби аввал, ки **“Раванди забткориҳои арабҳо дар Хуросону Мовароуннаҳр ва инъикоси он дар сарчашмаҳои таърихӣ”** номгузорӣ шудааст, муаллифи рисолаи мазкур дар асоси сарчашмаҳои муътабари таърихӣ ин масъаларо баррасӣ намуда, ҳамзамон дар зербоби дувум, ки **“Муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардумони Хуросону Мовароуннаҳр бар зидди истилогарони араб”** унвонгузорӣ шудааст, муаллиф мантиқан дуруст ва пайдарпай аз ҳаракатҳои халқӣ алайҳи бедодгарию беадолатии арабҳо ва тарафдорони онҳо дар такя ба худи сарчашмаҳои арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ маводу маълумот оварда, ин мавзуъро илман асоснок ва ҷамъбаст кардааст.

Боби чоруми диссертатсия – **“Паёмадҳои забткориҳои араб ва паҳншавии дини нав дар Хуросону Мовароуннаҳр ва инъикоси он дар сарчашмаҳои таърихӣ”** ном дошта, аз зербобҳои – **“Инъикоси раванди исломикунонии Хуросону Мовароуннаҳр дар сарчашмаҳои таърихӣ”, “Саҳми донишмандони минтақа дар рушду густариши илм ва фарҳанги давра”, “Нақш ва мақоми ҳанафия дар ҳаёти ичтимоӣ ва фарҳангии Хуросону Мовароуннаҳр”** иборат мебошад.

Дар ин боб муаллиф ҷанбаю паёмади оқибатҳои ишғолгариҳои арабҳоро нишон дода, аз нақши бузурги фарзандони барӯманди Хуросон ва Мовароуннаҳр барҳақ ёдрас гаштааст, ки онҳо дар

густариши ислом, рушду инкишофи илмҳои зиёд фаъолияти пурсамар доштанд.

Аз мазмуни автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки муаллиф актуалӣ будани мавзуъ, мақсад ва ҳадафҳои таҳқиқотро аз нигоҳи илмӣ асоснок намояд, асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷиро, ки раванди ишғолгариҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи халқи Хуросону Мовароуннаҳрро дар асрҳои VIII-X бо оқибатҳои гуногун, ки дар онҳо инъикос ёфтаанд, ҳаллу фасл намояд, ҳамчунин муаллиф асоси методологии пажуҳишро нишон дода, манобеи ба мавзуи таҳқиқот алоқамандро дарку аз худ карда, онҳоро шарҳу баррасӣ карда, баҳои илмӣ додааст.

Яке аз комёбиҳои муфиди рисола аз он иборат аст, ки омӯзиши масоили **«Таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлол-хоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X»** дар таърихнигории ватанӣ кори арзандаю иқдоми нав ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад. Бо боварии комил метавон иброз кард, ки муҳаққиқ мақсадҳои дар наздаш гузоштаро ҳаллу фасл кардааст.

Бояд таъкид кард, ки забону сабки нигориши автореферати диссертатсия равону фаҳмо мебошад.

Дар баробари ин ҳама муваффақиятҳо дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои ҷузъӣ, ки аслан моҳияти техникӣ (партофта шудани ҳуруф) ва имлоӣ доранд, дар баъзе саҳифот ба мушоҳида мерасад.

Масалан, 1) дар муқаддима, дар саҳифаи 3-юм омадааст, ки: «арабҳо шоҳаншоҳии бузург (Сосониён)-ро на танҳо аз байн бурданд, балки низоми нави сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро тавассути ойинаи навини хеш дар амал татбиқ сохтанд»! Ин дар ҳолест, ки дар манобеъ ва адабиёти илмӣ зикр шудааст, ки низоми идории Хилофати Араб нусхаи давлатдории Сосониён буда, танҳо бо иваз шудани ному

унвонҳо вазъ дигар нашуда, дар иқтисодиёт ва хоҷагии деҳот ишғолгариҳои араб тақрибан дигаргуние накардаанд!

2) Дар саҳифаи 9-ум хатои техникӣ дар он ифода меёбад, ки давоми асарҳо бо ҷой доштан дар ин варақ ба саҳифаи дигар гузаронида шудааст.

3) Дар саҳифаи 35-ум хуб мешуд ба мисли қисмати русии автореферат дар мавриди баёни муҳорибаҳои Қодисия, Наҳованд солҳои онҳо бо рақам нишон дода мешуд (628, 637, 643).

4) Хуб мешуд ба номҳои ашхос ва мавзеъҳои ҷуғрофӣ, ки ду тарзи навишт доранд, аҳамияти ҷиддӣ дода шуда, якранг карда мешуд.

Албатта, ин хатоҳои техникӣ ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии рисоларо коста намекунанд.

Нақшаи кори таҳқиқотӣ мантиқан ва мазмунан мутобиқ ба талаботи илмӣ таҳия шуда, ҳар боби он ба масъалаҳои махсус бахшида шуда, ҷавобгӯйи мақсади гузоштешуда мебошанд. Ғайр аз ин хулосаи автореферат дарбаргирандаи ҳамаи паҳлуҳои бобҳои алоҳидаи кор ва мубрамияти масъала мебошад, ки ба таври возеҳ ва муъҷаз баён гардидаанд.

Автореферати диссертатсия ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи унвонҳои илмӣ мувофиққат намуда, муаллифи он Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

Сарходими илмии шуъбаи таърихи
қадим, асрҳои миёна ва нави
Институти таърих, бостоншиносӣ ва

мардумшиносии ба номи А. Дониши
АМИТ, Узви вобастаи АМИТ
доктори илмҳои таърих, профессор **Пирумшоев Ҳ.**

**Сурогa:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 9,
Институти таърих, бостоншиносӣ ва
мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ
Тел: 919 148736, E-mail: pirumshoev.44@mail.ru

Имзои Узви вобастаи АМИТ
доктори илмҳои таърих, профессор
Ҳ. Пирумшоевро тасдиқ мекунам:
**Мудири шуъбаи кадрҳо** **Файзуллоева Г.**

28.02.24